«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент ________
Абдуалимзода Ҳ.А.
«01» марти 2024 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзӯи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзӯи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳанӯз аз замонҳои қадим яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб мерафт ва инро таҳқиқоту афкори муттафакирони давр, инчунин, меъёрҳои санадҳои

ҳуқуқию динии дар низомҳои таърихӣ-ҳуқуқии кишвар амалкунанда нишон медиҳанд. Дар замони мосир бошад, масъалаи мазкур аз қабл дида бештар мубрам гардидааст. Қабул шудани як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба вуҷуд омадани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва дар ин замина ташаккул ёфтани намудҳои нави ҳуқуқвайронкунӣ, бо суръат пеш рафтани илму технология ва ҷаҳонишавӣ дар тамоми кураи ҷаҳон ҳар кишвари демократию ҳуқуқбунёдро водор менамояд, ки ба масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ чуқуртар ва ҷиддитар таваҷҷуҳ намояд. Мавриди зикр аст, ки таъсири ҷавобгарии ҳуқуқӣ бе функсияҳои он ғайриимкон аст. Маҳз дар натиҷаи амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавон мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро татбиқ намуд. Бо ин назардошт, масъалаи таҳқиқу омӯзиши функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад.

Бо соҳиб шудан ба Истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми нави ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ мавриди амал қарор дода шудааст, ки имрӯз ба яке аз низомҳои мукаммал ва ташаккулёфта табдил ёфтааст. Омӯзиши инстутҳои ҳуқуқӣ дар партави низоми қонунгузории кишвар барои Тоҷикистони соҳибистиқлол масъалаи нав буда, барои такмили қонунгузорӣ ва пешрафти соҳаҳои гуногуни фаъолият дар кишвар мусоидат менамояд. Таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта низ ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он тибқи қонунгузории Тоҷикистон бахшида шудааст, ки барои илми ҳуқуқшиносии кишвар, аз ҷумла ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои аҳаммияти калони назариявию амалӣ мебошад.

Бо назардошти асосҳои зикршуда омӯзишу таҳқиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он тибқи қонунгузории Тоҷикистон ҳамчун асоси анҷоми таҳқиқоти диссертатсионӣ ва мубрамияти онро собит менамояд.

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои илмие, ки марбут ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва

шаклҳои амалисозии он мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории кишвар метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

1) мафҳум ва хусусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳқиқ ва муайян гардидаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки таъсири пешгирӣ, тарбиявӣ, ҳуқуқбарқароркунӣ ва сазодиҳии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо зарурати бунёди давлати ҳуқуқбунёд муайян мегардад. Аз ин бармеояд, ки омӯзиши мафҳум ва хусусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки на танҳо аз нигоҳи назариявӣ мафҳуми умумиэътирофшуда ва хусусиятҳои мувофиқи он муайян карда шавад, балки дар такмили қонунгузории амалкунанда низ бобати амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ нақши сазовор мегузорад (саҳ. 30).

2) асосҳои таснифоти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ марвиди таҳқиқу омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф зимни таҳқиқот мақсади ҷавобгарӣ, принсипҳои ҷавобгарӣ ва намудҳои ҷавобгариро ҳамчун асоси таснифоти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ баррасӣ намудааст. Дар натиҷа муайян кардааст, ки муҳимтарин функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ инҳоянд: функсияҳои сазодиҳӣ, ҷаримавӣ, ҷубронсозӣ, пешгирисозӣ, тарбиявӣ (саҳ. 13-14).

3) мафҳуми шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, шаклҳои онҳо ошкор гардидаанд. Муаллиф муайян намудааст, ки шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқи ин риоя, истифода, иҷро, татбиқи ҷавобгарии мебошанд. Аммо, аз ҳама маъмултарин шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарӣ ин шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурӣ ба ҳисоб мераванд (саҳ. 14, 77).

4) моҳияти шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба намудҳои ҷавобгарӣ баррасӣ карда шуда, бартарияти онҳо муайян карда шудааст. Аз ҷумла, муаллиф, қайд мекунад, ки дар робита ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ амалисозии функсияҳои

ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар хусусияти маҷбурӣ мегирад. Аммо, ба намуди ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ ва интизомӣ, ҳам шакли ихтиёрӣ ва ҳам шакли маҷбурӣ, хос мебошанд (саҳ. 77).

5) муаллиф бо таҳқиқи функсияи сазодиҳии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он вобаста ба намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишвар пешниҳод кардааст, ки дар қонунгузории маъмурӣ дар қатори принсипҳо ва асоси ҷавобгарии маъмурӣ мафҳуми мақсади ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар карда нашудааст. Хуб мешуд, ки дар моддаи 22[1] КҲМ ҶТ мафҳуми мақсади ҷавобгарии маъмурӣ нишон дода шавад (саҳ. 91).

6) функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он вобаста ба намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишвар мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Аз ҷумла, муаллиф қайд мекунад, ки амалисозии функсияи мазкур дар расидан ба мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мусоидат намуда, мақсади асосии он дар руёнидани маблағи муайян аз ҳуқуқвайронкунанда ифода намеёбад, балки баҳри таъсири молиявӣ расонидан ба ӯ нигаронида шудааст. Функсияи мазкур дар ҳамон ҳолат амалӣ карда мешавад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар шакли таъин кардани ҷарима ба ҳуқуқвайронкунанда татбиқ гардад. Бинобар ин, шакли амалисозии он дар қонунгузории амалкунанда муқаррар карда шудааст (саҳ. 99).

7) шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияи ҷубронсозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишвар баррасӣ гардида, муайян карда шудааст, ки дар қонунгузории маданӣ мафҳумҳои «зарар» ва «зиён» ба таври васеъ истифода гардида, ҳамзамон, истилоҳоти «зарари маънавӣ» ва «зиёни маънавӣ» низ ба назар мерасанд, вале мутаассифона, мафҳуми зарари маънавӣ, ки чи гуна рафтор ё амали ҳуқуқвайронкунанда ҳамчун зарари маънавӣ ҳисобида мешавад, муқаррар нагардидааст, ки ин ба сатҳ, усул ва

принсипҳои амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ бетаъсир намемонад (саҳ. 119).

8) дар натиҷаи омӯзиши пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ҳамчун шакли амалисозии функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, мақсаду принсипҳо ва чораҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ нишон дода шудааст. Аз ҷумла, муаллиф қайд мекунад, ки ҷиноятkории ноболиғон нисбат ба дигар намуди ҷиноятkорӣ ташвишовар мебошад. Бинобар ин, тамоми сохторҳои ҷомеаро мебояд, ки дар пешгирии ҷиноятkории ноболиғон саҳмгузор бошанд. Вобаста ба ин, бо мақсади ҷалби тамоми субъектон дар пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ба мақсад мувофиқ мебуд, ки «Стратегия пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ва ҷавонон» қабул карда шавад (саҳ. 142).

9) зимни таҳиқи шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ вобаста ба намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва қонунгузории кишвар муайян карда шудааст, ки функсияи тарбиявӣ дар ҳама шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии ҷиноятӣ дар татбиқи ҷазо, ҳолатҳои сабуккунанда, вазнинкунанда ва дигар чораҳои хусусияти тарбиявидошта ифода мегардад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии мадани дар иҷрои уҳдадориҳои тарафайн бештари маврид дар шакли ихтиёрӣ амалӣ карда мешавад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии маъмурӣ дар татбиқи ҷазои маъмурӣ ифода меёбад. Функсияи тарбиявии ҷавобгарии интизомӣ дар санадҳои муассисавӣ бештар инъикос гардида, дар амалигардонии муносибатҳои интизомӣ ифода мегардад (саҳ. 159).

Дар умум метавон хулосабарорӣ намуд, ки таҳқиқбаранда масъалаҳои гузошташударо оид ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии он мақсаднок таҳлил намуда, нуктаҳои муҳимми илмиеро пешниҳод намудааст, ки барои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аҳаммияти калони назариявию амалӣ доранд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин таҳқиқоти комплексӣ оид ба масъалаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Алиев И.И. дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо истифода карда мешаванд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва таклифу пешниҳодҳои дар он манзургардида метавонанд барои ҳалли як қатор масъалаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат намоянд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории соҳавии кишвар, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, меҳнатӣ, конститутсионӣ ва ғайра, метавон хулосаву пешниҳодоти таҳқиқотро вобаста ба масъалаи амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ истифода бурд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии Алиев Исмоил манзургардида оид ба институти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин, ҷараёни таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва магистрӣ истифода бурда шаванд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои қаблӣ метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки дар асоси он довталаб арзандаи дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад:

1. Дар тавсияи якуми назариявии худ диссертант мафҳуми функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои онро манзур намудааст, ки онҳо то кунун на дар қонунгузорӣ ва на дар адабиётҳои ватанӣ аз нуқтаи назари илмӣ асоснокшуда ҷой надоштанд. Аз ҷумла, дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро дар чунин шакл пешниҳод кардааст: маҷмуи самтҳои муҳими таъсиррасониро ба рафтору шуури барандагони ҳуқуқ ва муносибатҳои дахлдори ҳуқуқӣ, ки дар раванди ошкорсозии мақсаду моҳияти иҷтимоии ҷавобгарии ҳуқуқӣ боис мегардад, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ меноманд. Муаллиф чунин хусусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ҷудо кардааст: аз маҷмуи самтҳои муҳими таъсиррасонӣ иборат мебошад; ба рафтору шуури барандагони ҳуқуқ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ таъсири муайян мерасонанд; барои тамоми намудҳои ҷавобгарӣ хос мебошанд; мақсаду моҳияти иҷтимоии ҷавобгарии ҳуқуқиро ошкор мекунанд; тавассути функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд.

2. Муаллифи диссертатсия дар тавсияи амалии якум пешниҳод кардааст, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ дар баробари мақсади ҷавобгарӣ мафҳуми функсияи ҷавобгарӣ низ муқаррар карда шавад. Пешниҳоди мазкур қобили қабул мебошад, зеро дар бандубасти ҷиноят, татбиқи адолати судӣ ва самаранокии ҷавобгарии ҳуқуқӣ нақши функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз мақсади ҷазо кам нест. Муаллиф инро дар таҳлили функсияҳои ҷавобгарӣ дар параграфҳо бисёр оқилона нишон додааст.

3. Муаллиф дар тавсияи амалии ҳафтум қайд кардааст, ки дар моддаҳои 14, 15 КМ ҶТ истилоҳи «ҷуброни зиён» истифода шудааст. Дар моддаҳои 1117, 1195, 1197, 1208, 1210-1223 КМ ҶТ истилоҳи «ҷуброни зарар» истифода шудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки дар КМ ҶТ истилоҳоти «ҷуброни зиён» ба «ҷуброни зарар» иваз карда шавад. Бояд

тазаккур дод, ки дар қонунгузории маданӣ мафҳумҳои товон ва ҷуброн, зарар ва зиён ба таври омехта истифода гардидааст. Бо ин назардошт, пешниҳоди муаллиф қобили таваҷҷуҳ мебошад. Дар ягон меъёр равшан накардааст, ки зиён аз зарар бо кадом асос фарқ мекунад ва чунин фарқият дар Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ низ мушоҳида намегардад.

4. Дар тавсияи амалии ҳаштум муаллиф пешниҳоди ҷолиби диққат намудааст, ки дар санксияҳои қисми махсуси КҶ ҶТ ҷарима ҳамчун ҷазои ҷиноятӣ дар шакли 70/30 (яъне, 70%-и ҷарима ба манфиати давлат ва 30%-и он ба манфиати ҷабрдида ситонида шавад) муқаррар карда шавад. Пешниҳоди мазкур бисёр одилона ба назар мерасад. Зеро дар натиҷаи кирдори ҷиноятӣ шахс (ҷабрдида) зарар мебинад, вале ҷарима пурра ба манфиати давлат пардохт карда мешавад. Пас, беҳтар аст, ки як қисми муайяни он ба ҷабрдида пардохт карда шавад, то адолати иҷтимоӣ барқарор гардад.

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб меравад, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин, дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончӣ:

1. Муаллифи рисола қайд менамояд, ки дар моддаи 62 Кодекси меҳнати ҶТ истилоҳи «ҷазои интизомӣ» истифода шудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки дар Кодекси меҳнати ҶТ истилоҳи «ҷазои интизомӣ» ба «ҷавобгарии интизомӣ» иваз карда шавад (саҳ. 17). Вобаста ба андешаи иброзшуда аз муаллиф пурсида мешавад, ки магар ҷазои интизомӣ аз ҷавобгарии интизомӣ чи тафовут дорад ё бартарии ивази ибораи мазкурро дар чи мебинанд? Бо иваз намудани ибораи мазкур дар қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ чӣ натиҷаи мусбӣ ба даст меояд?

2. Диссертант дар рисолаи диссертатсионӣ қайд намудааст, ки функсияи ҷаримавии ҷавобгарии ҳуқуқӣ бештар дар шакли маҷбурӣ амалӣ карда мешавад. Аммо, новобаста аз ин, аз мазмуни баъзе меъёрҳои қонунгузорӣ шакли ихтиёрии онро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар муқоиса бо шакли маҷбурии амалисозии функсияи ҷаримавӣ, шакли ихтиёрии он дар қонунгузории амалкунандаи кишвар мустақиман пешбинӣ нашудааст (саҳ. 109). Тавре маълум мегардад, муаллиф дар аввал тасдиқ намудааст, ки аз мазмуни меъёрҳои қонунгузорӣ шакли ихтиёрии амалисозии функсияи ҷаримавиро мушоҳида кардан мумкин аст, вале дар идома дақиқ муқаррар нашудани онро ишора менамояд. Инчунин, мушаххасан нишон надодааст, ки аз кадом меъёрҳои қонунгузорӣ шакли ихтиёрии амалисозии функсияи ҷаримавиро мушоҳида кардан мумкин аст? Бинобар ин, андешаи муаллиф асосноккунии иловагиро талаб менамояд.

3. Диссертант дар пешниҳоди амалии № 1 қайд менамояд, ки “Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани адолати судӣ, осон кардани кори субъектони фаъолияти мурофиаи судӣ, татбиқи амиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории кишвар, беҳтар мебуд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ дар баробари мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ҳамзамон функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ низ муқаррар карда шавад”. Ба андешаи мо пешниҳоди мазкури диссертант наметавонад заминаи воқеӣ дошта бошад. Чунки функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ васеъ ва гуногунҷабҳа мебошанд ва онҳоро дар доираи меъёри мушаххас ҷой намудан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, хуб мебуд ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия муаллиф андешаҳои худро дар ин бора иброз медоштанд.

Новобаста аз ин, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Алиев Исмоил ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Алиев Исмоил Исмонович ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақриз дар асоси муқарраротӣ мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар семинар иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 16 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №7 аз 17 феврали соли 2024.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Ҳаитов Саидалӣ Поргиевич - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат),

дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ муҳокима ва ҷонибдорӣ гардидааст. Дар маҷлис иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 16 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест. Суратмаҷлиси кафедра таҳти №7, аз 26 феврали соли 2024.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоев Ҷ.Қ.

**Ташхисгар:**
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ҳаитов С.П.

**Котиби ҷаласа:**
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Шарифзода Т.

Имзои Бобоев Ҷ.Қ., Ҳаитов С.П. ва Шарифзода Т.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

«26» феврали 2024 с.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Тел.: (992)231-08-43, Тел.: (992) 227-30-75, Email: tgfeu@mail.ru